**ҚАРОРИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-020**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**аз 15.09.2022** **ш. Душанбе**

Суханронии Олимиён Сабрина Шамсулло дар мавзуи **«Нақши матбуоти даврии тоҷик дар тарғиби фарҳанги миллӣ (дар мисоли нашрияҳои «Ҷумҳурият», «Ҷавонони Тоҷикистон», «Озодагон» ва «Миллат», солҳои 2010-2015)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ, тақризи муассисаи пешбар – **Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**, суханронии муқарризони расмӣ – доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ – **Саидмурод Хоҷазод**, номзади илми филология, сармуҳаррири Муассисаи давлатии «Маҷаллаи «Илм ва ҳаёт»» – **Хушдил Раҳимҷон,** муқарризони ғайрирасмӣ – докторони илми филология Муродӣ Мурод, Раҷабов Ҳабибулло, Имомзода Муҳаммадюсуф ва Муқимов Муҳамадиро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Олимиён Сабрина Шамсулло

## ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Олимиён Сабрина Шамсулло дар мавзуи **«Нақши матбуоти даврии тоҷик дар тарғиби фарҳанги миллӣ (дар мисоли нашрияҳои «Ҷумҳурият», «Ҷавонони Тоҷикистон», «Озодагон» ва «Миллат», солҳои 2010-2015)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;
3. Ба Олимиён Сабрина Шамсулло дараҷаи илмии номзади илми филология дода шавад;

4. Барои додани дипломи номзади илми филология ба Олимиён Сабрина Шамсулло аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 14 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Мақсудов Бадриддин.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология Сироҷиддини Эмомалӣ.

15.09.2022